# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи **Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ** дар мавзуи «Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ). – Хуҷанд, 2025. – 169 с.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар мавзуи «Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мутобиқат менамояд.

Пӯшида нест, ки дар забоншиносии тоҷик дар тули даҳсолаҳо як силсила масъалаҳои мубрами забони тоҷикӣ, ба монанди омӯзиши хусусияҳои луғавӣ, савтӣ ва дастури таърихи забонамон мавриди баррасӣ қарор гирифта, асару мақолоти сершуморе дар ин самт манзур гардида, хусусиятҳои луғавии бархе аз манобеи куҳан таҳқиқ гардида бошад ҳам, то кунун назди муҳаққиқон як қатор масъалаҳои марбут ба лаҳҷашиносӣ ва вожашиносӣ қарор дорад, ки яке аз ҳамин масъалаи камтаҳқиқшудаи таърихи забонамон ба таври муқоиса мавриди пажӯҳиш қарор гирифтани унсурҳои луғавии тазкираи «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Ба таҳқиқу баррасии мавзуи номбаршуда рисолаи Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар мавзуи «Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)» равона гардида, дар он хусусиятҳои пойдормонии аносири луғавӣ дар шеваҳои забони тоҷикӣ мавриди баррасии забоншиносӣ қарор гирифтааст. Ба таъкиди муаллиф вижагиҳои боқимонии аносири луғавии дар асари Ҷомӣ дучороянда дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубии тоҷикӣ ҳамгун нестанд: гурӯҳе бе ҳеҷ дигаргунӣ, силсилаи дигар бо тағйири шакл, бахше бо дигаргунии маъно ва қисми чорум бо як маънои собиқашон ҳифз гардидаанд.

Аз ин рӯ, аз мадди назари аҳли таҳқиқ дур мондани ба таври муқоисавӣ-таърихӣ омӯхтани забони осори пешиниён муҳаққиқро водор сохтааст, ки ба таҳқиқи ин қазия таваҷҷуҳ карда, даврони минбаъдаи ташаккулу таҳаввули як силсила вожагонро ба туфайли муқоисаи онҳо бо

сарчашмаҳои даврони баъдӣ ва гӯйишҳои муосири забони тоҷикӣ муайян намояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Довталаби дараҷаи илмӣ Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ мавзуеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ба бахши шевашиносии забоншиносии тоҷик рабт дошта, актуалӣ маҳсуб мееёбад. Баррасии муносибати забони тазкираи Абдурраҳмони Ҷомӣ бо лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ, ошкор намудани хусусиятҳои пойдормонии калимаҳои аслию иқтибосии калимаҳои аз асари бадастомада дар гӯйишҳои имрӯзаи тоҷикӣ, тасниф ва таҳқиқи илмии онҳо яке аз масъалаҳои мубрамро касб кардааст. Ин мубрамӣ сабаб шудааст, ки дар заминаи маводи «Нафаҳот-ул-унс» ба баррасии забоншиносии калимаҳои аслӣ ва иқтибосӣ дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар мавзуи «Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)» омода гардад, ки ки айни муддао ва мубрам542 дониста мешавад.

Дар хусуси муносибати забони Абдурраҳмони Ҷомӣ бо шеваҳои имрӯзаи забони тоҷикӣ таҳқиқоти алоҳидае ба анҷом нарасидааст ва таҳлили доманадори он баррасӣ нагардидааст. Зимни таҳқиқи мазкур соҳибрисола дар назди худ ҳадаф гузоштааст, ки мансубияти забонии вожаҳоро нишон дода, вижагиҳои маҳфузмонии онҳоро ошкор созад. Аз кӯшиши барзиёди муҳаққиқ равшан мегардад, ки ба таҳаввулоти шакливу маъноӣ дучоргардидани чунин аносири луғавиро муайян карда тавонистааст, ки шоистаи таҳсин аст. Инчунин бартарии таҳқиқи дигари унвонҷӯ дар он аст, ки зимни дараҷаи омӯзиши мавзуъ осори илмии дар ин самт бахшидашударо ба таври мухтасар мавриди баррасӣ қарор дода, эҳтиром ба муҳаққиқони пеш аз худ гузоштааст, ки ин низ яке аз меъёрҳои кори илмии воқеӣ маҳсуб ёфта, дар ҳамин поя манзури муҳаққиқону донишмандон намудану ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар мавзуи «Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)» бешак андешаҳои фавқро собит менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мееёбад, ки бори нахуст муносибати забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои кунунии тоҷикӣ ба риштаи таҳлил кашида шуда, онҳо бо забони адабии муосири тоҷикӣ қиёс гардида, дар тули инкишофи забони тоҷикӣ ба тағйири шакл ё маъно дучор гардидани калимаҳо нишон дода шудааст. Инчунин, ҳамгун набудани хусусиятҳои

маҳфузмонии маводи фактологӣ дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубии тоҷикӣ бо зикри далелҳои фаровон нишон дода шудааст: гурӯҳе бе ягон тағйирот, силсилаи дигар бо тағйири шакл, бахше бо дигаргунии маъно ва ҳиссаи чорум бо як маънои собиқ.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои тахқиқ бармеояд. Бардоштҳо ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дар онҳо дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Таҳқиқи диссертатсионии мавриди тақриз аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, фаслҳову зерфаслҳо, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ ва рӯйхати мақолоти интишорнамудаи муаллиф иборат буда, 169 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, пойгоҳи пажуҳиш, ҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд. Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки воқеан, дар бахшии лаҳҷашиносии таърихӣ аҳаммияти вижа доранд.

Боби якуми диссертатсия **«Вижагиҳои вожаҳои аслии мансуб ба исму сифати «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ»** номгузорӣ гардида, фарогири се фасл аст. Фасли аввал масъалаҳои назарии шевашиносиро фаро гирифта, доир ба хусусиятҳои забони осори Абдурраҳмони Ҷомӣ низ маълумот оварда шудааст.

Дар фаслҳои дуюм ва сеюми боби якум калимаҳои тоҷикиасли мансуб ба исму сифати аз тазкираи Абдурраҳмони Ҷомӣ дучороянда баррасӣ гардидаанд. Дар муқаддимаи рисола аз лиҳози дараҷаи пойдормонӣ ҳамгун набудани маводи фактологии аз асари мавриди баррасӣ бадастомада дар гӯйишҳои имрӯзаи тоҷикӣ қайд мегардад. Бино ба андешаи ӯ, «дар ҳамаи таҳқиқоти давраи аввали ба омӯзиши илми шевашиносӣ бахшидашуда

хусусиятҳои фонетикӣ, луғавӣ ва сарфию наҳвии гӯйишҳои забонро бо корбандии методи тасвирӣ ба риштаи баррасӣ кашида шудаанд. Дар ин қабил пажуҳишот низ ба таври муқоисавӣ омӯхтани аносири луғавӣ ба қайду ишораҳои ба таври умуми ифодаёфтаи пажуҳишгарон агарчи ба мушоҳида расанд ҳам, аммо баррасии ҳамаҷонибаи масъала ба миён гузошта нашудааст» [дисс., с. 20].

Боби дувуми диссертатсия «**Вижагиҳои вожаҳои аслии мансуб ба ҷонишин, феъл ва зарфи «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ**» унвон дошта, фарогири чаҳор фасл ва як зерфасл мебошад. Муаллиф дар ин боб калимаҳои аслии мансуб ба ҷонишин, феъл ва зарфи тазкираи Абдурраҳмони Ҷомиро бо лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ мавриди муқоиса қарор додааст.

Фасли якум – **«Матолиби муқаддамотӣ»** ном дошта, ба баррасии андешаҳои аҳли таҳқиқ доир ба пойдормонии аносири луғавии куҳанбунёд дар гӯйишҳои ҳоираи забони тоҷикӣ бахшида шудааст.

Дар фаслҳои дигари рисола масъалаи вижагиҳои пойдормонии калимаҳои мансуб ба ҷонишин, феъл ва зарфи дар «Нафаҳот-ул-унс»мустаъмал аз назари таҳлил гузаронида шуда, онҳо бо маводи лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ муқоиса гардидааст ва тағйири шакли вожаҳо дар дарозои мавҷудияташон дар пояи табдил, афзоиш, коҳиш, ҷойивазкунӣ нишон дода шудааст.

Боби сеюми рисола «**Вижагиҳои калимаҳои иқтибосии «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ**» унвон дошта, фарогири чаҳор фаслу чаҳор зерфасл аст. Дар ин боб муқоисаи вожаҳои иқтибосии арабӣ, порӣ ва туркӣ сурат гирифта, муаллиф андешаҳои худро бо далелҳои эътимодбахш тақвият мебахшад. Диссертант зимни баррасӣ ҳамчунин бо назардошти воҳидҳои луғавии баррасишаванда онҳоро ба зергурӯҳҳои алоҳида дастабандӣ намудааст.

Хулосаи диссертатсияи Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар мавзуи «Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)» фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 15 банд фароҳам омадаанд. Инчунин дар бахши тавсияҳо, ки аз 6 банд иборат аст, муҳиммияти мавзуъ ва корбурди натиҷаҳои онҳо дар раванди таълиму таҳқиқ оварда шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти назарии мавзуи Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба ин мавзуъ дар забоншиносии ягон кори илмӣ ба анҷом нарасида, дар диссертатсияи мазкур умдатарин масоили назарии

марбут ба пойдормонии аносири луғавӣ мавриди таҳқиқи густурда қарор гирифта, ҷараёни ба таҳаввулоти шакливу маъноӣ дучоргардии онҳо дар заминаи маводи фаровони фактологии аз даврони мухталифи инкишофи забони форсӣ-тоҷикӣ ва гӯйишҳои имрӯза гирдомада ошкор карда шудааст.

Натиҷаҳои аз диссертатсия бадастомадаро муҳаққиқ барои комил гардидани маводи луғатномаҳои гӯйишию тафсирӣ ва осори таҳқиқии марбут ба лаҳҷашиносии таърихӣ ҳукм мекунад, ки дуруст аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаву хулосаҳои таҳқиқро метавон дар таълиму тадриси курсҳои тахассусӣ вобаста ба лаҳҷашиносии таърихӣ, таърихи забони тоҷикӣ ба кор бурда, натиҷаву хулосаҳои диссертатсияро метавон дар таҳияи китобҳои дарсию дастурҳои методӣ аз лаҳҷашиносӣ истифода кардан мумкин аст. Ҳамчунин, маводи диссертатсияро магистрантону докторантон дар ҷараёни таълифи рисолаҳои магистриву доктор PhD-и худ метавонанд баҳрабардорӣ намоянд. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи довталаби дараҷаи илмиро метавон мубрам арзёбӣ намуд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва 5 навиштаи илмӣ дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопнамудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи доктор (PhD)-и Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар мавзуи «Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)» ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Хуб мешуд, сарчашмаи ҷумлаи шоҳид (аз шеваҳо) дар охир нишон дода шавад (ниг.: дисс., с. 43, 49, 69, 91).

2. Аз унвони рисола ва бобҳои он бармеояд, ки муносибати забони забони асари Ҷомӣ бо лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст, аммо муаллиф хусусиятҳои пойдормонии як силсила калимаҳоро дар дигар гурӯҳи шеваҳо низ нишон додааст (дисс., с. 71, 97, 117 ва ғайра). Хуб мешуд, ки муаллиф танҳо ба маводи лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ такя менамуд.

3. Гоҳо муалииф дар овардани калимаву ибораҳои туфайлӣ меъёрҳои аломатҳои китобат риоя шудаанд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар мавзуи «Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино» Юсупов А.И.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино, 29-31.
Тел.: (+992) 98 563 64 65
E-mail: Abdullo-yusupov@inbox

Имзои дотсент А.И. Юсуповро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати рушди кадрии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон баноми Абуали ибни Сино» Сафаров Б.И.

**Суроғаи муассиса:**
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино, 29-31.
Тел.: (+992) 44 600 39 77
E-mail: info@tajmedun.tj

04 - сентябри соли 2025-ум.